Тасдиқ мекунам
Ректори Донишгоҳи давлатии Данғара,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
____________ Хайрзода Ш. Қ.
“_08_” __09_____ соли 2023

# ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Нематуллоев Муродбек Музафарович дар мавзуи “Усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон таввасути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат (дар мисоли Муассисаи таълимии давлатии “Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе”), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст.

Даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, маънавӣ ва маориф навгониҳои арзишманд ба миён овард. Азҷумла, дар соҳаи маориф тадриҷан ислоҳоту нававарии бунёдии назариявӣ, ташкилӣ ва амалии назаррас дар охири асри XX шурӯъ гардида, то ин марҳила бомаром идома дорад. Ин ислоҳоту таҳаввулот, пеш аз ҳама қисмати муҳимтарини маориф – мазмуни таҳсилоти миёнаи умумиро фаро гирифт. Дар ин баробар яке аз вазифаҳои афзалиятноки давлат дар соҳаи маориф таъсиси низоми муассири таҳсилот, муҳайё намудани шароит барои таълиму тарбия, дарёфт, дастгирӣ ва рушди хонандагони боистеъдод мебошад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019 таъкид доштанд, ки “Ба хотири боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин барои тавсеаи тафаккури техникии насли наврас солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” эълон карда шаванд. Инчунин, пешниҳод менамоям, ки ҳамасола олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявиро оид ба илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот баргузор намуда, ғолибони озмунҳо аз ҷониби вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо аз лиҳози моддиву маънавӣ қадрдонӣ ва ҳавасманд гардонида шаванд.”

Рисолаи унвонҷӯй Нематуллоев Муродбек Музафарович дар мавзуи “Усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон таввасути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат” ба таҳқиқи масъалаи ҷанбаҳои амалии масъалаи рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагонро тавассути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат, дар мисоли фаъолияти Муассисаи давлатии таълимии “Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе” маҳз атрофи нуктаи мазкур мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар таҳқиқот муҳаққиқ Нематуллоев М.М. паҳлуҳои гуногуни усулҳои педагогии рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагонро дар дарсҳои иловагӣ дар асоси омӯзиши таҳқиқоти педагогҳои шинохтаи ватанӣ ва хориҷӣ ба амал баровардааст.

Аз таҳлили адабиёти илмию методӣ бармеояд, ки пажӯҳиши масъалаи қобилияти зеҳнии хонандагонро дар дарсҳои иловагӣ, ҳамоҳангии таҳсилоти асосӣ ва иловагӣ дар доираи нақшаву барномаҳои таълимӣ, банақшагирии дарсҳои иловагиро тибқи талаботи санитариву гигиенӣ, аз лиҳози педагогиву психологӣ шароити мусоиди таълимиву методӣ ва илмиву педагогии раванди дарсҳои иловагиро талаб менамояд. Натиҷагирӣ аз кори амалӣ–таҷрибавӣ, ки дар диссертатсия ва маводҳои нашргардидаи унвонҷӯ инъикос гардидаанд, таҳқиқу баррасии ҷабҳаҳои илмӣ–методии масъаларо ба таври комил дар бар гирифта, муҳимияти раванди рушди қобилияти зеҳнии хонандагонро тавассути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат муайян намудааст. Тарҳрезии модели банақшагирии дарсҳои иловагӣ ва фаъолияти маҳфилҳои фаннӣ дар Муассисаи давлатии таълимии “Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе” мавриди баргузории корҳои санҷишӣ-озмоишӣ тасдиқ карда шудааст.

Мусаллам аст, ки ҳадафи таҳқиқот муайян намудани усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон тавассути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат ва нишон додани роҳҳои муосиру самарабахши истифодаи онҳо дар фаъолияти касбӣ мебошад.

Падидаи навгонӣ ва бозёфти илмии рисолаи диссертант Нематуллоев Муродбек Музафарович бо он арзёбӣ мегардад, ки зимни таҳқиқоташ усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон тавассути дарсҳои иловагӣ муайян, инчунин мазмун ва мундариҷаи таҳсилоти иловагиро дар гимназия бо роҳи ворид намудани компонентҳои нави таълимӣ ғанӣ гардонидааст. Аз ҷониби ӯ модели таълимии самараноки таъминкунандаи дастовардҳои таълимии хонандагон тавассути омӯзиши амиқи фанҳо дар дарсҳои иловагӣ таҳия ва татбиқ гардидааст.

Дар ин замина муқаррар карда шудааст, ки таҳсилоти иловагӣ қисмати пурраи системаи раванди таълим буда, ҳамчун қисми фаъолияти гимназия рушд намуда, истифодаи модели самараноки ҳамгироии дарсҳои асосӣ бо дарсҳои иловагӣ тибқи нақшаву барномаҳои таълимӣ дастовардҳои таълимии хонандагонро афзун намуда, ба беҳтар гардонидани сатҳу сифати таҳсилот мусоидат менамояд. Муҳаққиқ муайян намуд, ки банақшагирии дурусти дарсҳои иловагӣ дар асоси майлу рағбат ва хоҳишу дархости хонандагон сурат гирифта, дар ташаккул ва рушди қобилияти зеҳнии хонандагон мусоидат менамоянд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки тавсияҳои методӣ оид ба усулҳои педагогии ташаккули қобилияти зеҳнии хонандагон, ки дар натиҷаи таҳқиқи диссертатсионӣ таҳия гардидаанд, барои омӯзгорон ҷиҳати рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагон дар дарсҳои иловагӣ кӯмак расонида, самаранокии фаъолияти омӯзгоронро хеле баланд мебардоранд. Инчунин. дар амалияи “Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқат модели пурмазмуни ғанӣ гардонидани қобилиятҳои зеҳнии хонандагон дар дарсҳои иловагӣ ҷорӣ карда шудааст, ки метавонанд дар системаи такмили ихтисоси омӯзгорон ва роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти умумии намудҳои гуногун истифода мешаванд.

Дар муқаддима мубрамияти мавзӯъ, объект, предмети таҳқиқот асоснок ва ҳадаф муайян карда шуда, фарзия ва вазифаҳои таҳқиқот ифода, марҳилаҳои таҳқиқот тавсиф, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, фарзия, вазифаҳо навгонии илмии таҳқиқот муайян карда шудаанд.

Боби якум - “Асосҳои назариявии дарёфт ва рушди қобилияти зеҳнии

**хонандагони болаёқат”** аз се фасл иборат буда, дар ин фаслҳо масъалаҳои лаёқатмандии хонандагон дар низоми муосири таҳсилот, усулҳои инноватсионии психологӣ ва педагогии дарёфти хонандаи болаёқат вобаста ба гуногунии навъҳои лаёқатмандӣ, инчунин принсипҳои асосии таълими хонандагони болаёқат мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Дар ин қисмат назари олимони ватаниву хориҷӣ доир ба падидаи лаёқатмандӣ, навъҳои он, роҳу усулҳои дарёфт ва кашфи кӯдакони болаёқат оварда шуда, назарияҳои гуногун қиёс гардида, унвонҷӯ хулосаҳои амиқ баровардааст.

Дар фасли якуми боби якум – “**Масъалаи лаёқатмандии хонандагон дар низоми муосири таҳсилот**” ҷанбаҳои илмию иҷтимоии масъалаи лаёқатмандӣ ва муҳиммияти дарёфт ва рушди лаёқатҳо баррасӣ шуда, хулосаҳои таҳқиқоти олимони ватаниву хориҷӣ ва нуктаҳои педагогикаи миллӣ оварда шудаанд.

Муҳаққиқ қайд менамояд, ки дар адабиёти муосири равоншиносӣ ва педагогикаи милливу хориҷӣ чандин консепсияҳои рушди шахсият дар синни кӯдакӣ таҳия гардида, механизмҳо ва қувваҳои ин равандро пешбаранда тавсиф шудаанд (Л. И. Божович, П. Я. Галперин, В. В. Давидов. Л. В. Занков, В. С. Мухина, Ж. Пиаже, К. Роҷерс, А. Фрейд, З. Фрейд, Э. Фромм, Г. Юнг ва дигарон). Шумораи зиёди таҳқиқотҳои таҷрибавиии психо-педагогии лаёқатмандии кӯдакон нишон медиҳад, ки дар умум кӯдакони лаёқатманд қариб дар ҳамаи самтҳои рушд пешсафанд:

- хубтар мехонанд ва маводҳои таълимиро ба осонӣ аз худ мекунанд;
- муддати бештар диққаташонро ба таълим равона карда метавонанд, фонди луғавиашон ғанӣ аст;
- конформизмро қабул надоранд, мусобиқа карданро дӯст медоранд.

нисбатан ҳадафмандона амал мекунанд, кунҷкобанд, ихтироъкоранд, якраванд, эҷодкоранд. (с.25-26)

Дар ташаккули эҷодии кӯдаки лаёқатманд, пеш аз ҳама, омӯзгор, ки масъули асосии эҷоди муҳити таълиму тарбия мебошад, мусоидат мекунад. Ин масъулият нисбат ба тайёрии касбӣ ва шахсии омӯзгор талаботҳои махсус мегузорад.

Фасли дуюми боби якум – “**Усулҳои инноватсионии психологӣ ва педагогии дарёфти хонандаи болаёқат. Навъҳои лаёқатмандӣ”** ба баррасии моделҳои бисёромилаи лаёқат, таснифоти падидаҳои лаёқатмандӣ, усулҳои дарёфт ва рушди лаёқатмандӣ нигаронида шудааст. Дар ин фасл падидаи лаёқатмандӣ аз рӯи “дараҷаи шаклгирӣ” ба ду гурӯҳ – лаёқати мубрам ва лаёқати иқтидорӣ ва аз рӯи “дастовардҳо” низ ба ду гурӯҳ – лаёқати ошкор ва лаёқати кашфношуда тасниф гардида, роҳу усулҳои инноватсионии дарёфт ва ошкорсозии онҳо дида баромада шудааст.

Дар ин маврид, чунон ки таҷрибаи корҳои озмоишӣ нишон доданд, шарти зарурӣ барои амалӣ гардонидани модели пешниҳодгардида системаи мукаммали омода намудани омӯзгорон мебошад. Барои муваффақият дар самти кор бо кӯдакони лаёқатманд бояд дар навбати аввал омӯзгороне ҷалб карда шаванд, ки нисбат ба фаъолияти худ шавқманд буда, қобилиятҳои илмӣ ва эҷодӣ, донистани хусусиятҳои равонии хонандаро дошта бошанд. (саҳ.41)

Инкишофи бомуваффақияти лаёқатмандии хонандагон аз ташхис ва муайян намудани аломатҳои лаёқатмандии онҳо вобастагии хеле зиёд дорад ва дар ин самт ҳалли вазифаҳои зеринро тақозо менамояд:

- коркард намудани методикаи самараноки ташхиси лаёқатмандии хонандагон;

- муайян намудани вазъи ибтидоии сатҳи лаёқатмандии хонандагон ҳангоми қабул ба муассисаи таълимӣ;

- муқаррар намудани вобастагии байни сифати таълим ва сатҳи инкишофи лаёқатмандии хонандагон;

- таҳияи методикаи кори инфиродӣ бо хонандагоне, ки аломати лаёқатмандӣ доранд.(саҳ.43)

**Модели таҳияшудаи дастгирии кӯдакони лаёқатманд** дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки бо фаъолияти дохилии муассисаи таълимӣ, ки дар он ҷо мақсади асосӣ – рушди мукаммали зеҳнӣ дар шароити таълими босифати мактабӣ мебошад, алоқаманд аст. (с.45)

Бояд зикр кард, ки дар ин қисмат, дар баробари таҳқиқи қобилияти педагогӣ ва фаъолияти омӯзгорӣ (сохтори қобилиятҳои педагогии дар натиҷаи ин таҳқиқотҳо ошкоршуда ба сохтори лаёқати иҷтимоӣ шабоҳат дорад) маводҳои зиёде, ки бо масъалаҳои лаёқати иҷтимоӣ алоқамандии зич доранд, гирд оварда шудаанд.

Дар фасли сеюми боби якум "**Принсипҳои асосии таълими хонандагони болаёқат**" ҳадафҳои таълими хонандагони болаёқат, мутобиқати моделҳои дар фасли дуюми боби якум пешниҳодшуда ба ҳадафҳои таълим, ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии синфҳои "яктаркиба" ва "бисёртаркиба" ва принсипҳои асосии кор бо хонандагони болаёқат оварда шудааст.

Қобили зикр аст, ки муҳаққиқ нуқтаи назари олимони ватаниро мавриди таҳлил қарор додааст. Дар ин раванд қайд менамояд, ки ба ошкорсозии лаёқатмандии хонандагон дар мактаб академик М.Лутфуллозода аҳамияти махсус дода, нуктаи назари худро қайд намудааст. (саҳ.62)

Зимни таҳқиқот муҳаққик қайд менамояд, ки муносибати ниҳоят гуногунро дар мактабҳои махсуси барои кӯдакони лаёқатманд ва ба истилоҳ дар «синфҳои яктаркиба» (синфҳое, ки дар онҳо танҳо кӯдакони дорои сатҳи баланди инкишофи ақлонӣ ҷамъ мешаванд) ва "синфҳои бисёртаркиба" вохӯрдан мумкин аст. Новобаста аз модели интихобшуда, муаллиф ба хулосае омадааст, ки фаъолият дар самти кор бо хонандагони болаёқат бояд ба принсипҳои зерин асос ёбад: пайдо намудани нуқтаи рушд; муайян кардани хусусиятҳои инфиродӣ; дарсҳо аз рӯи ҷадвали инфиродӣ; ҳаҷми хурди гурӯҳҳои омӯзишӣ; хонандагонро саросема накардан; кӯмаки махсус; омода намудани шахсият, на мутахассис; тарбияи хусусиятҳои роҳбарӣ; барномаҳои таълимӣ, ки барои эҷодкорӣ фазоро мусоид мекунанд; ташкили машғулиятҳои «синфи озод»; усули "ҳамкории эҷодӣ бо хонандагон; интихоби омӯзгорон; кор бо волидон; ташаккули муносибатҳои дуруст дар байни хонандагон; кӯмаки психологии инфиродӣ ва монанди ин.

Боби дуюм – "**Таълими иловагӣ ҳамчун омили рушди зеҳнии хонандагони болаёқат**" ном гирифта, дар он низоми банақшагирии таълими иловагӣ барои хонандагони болаёқат дар Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шуда, масъалаи такмили донишу маҳорати хонандагони болаёқат дар ҷараёни таълими иловагӣ ва низоми омодасозии хонандагон ба олимпиадаҳои фаннӣ ва озмунҳои зеҳнӣ тавассути таълими иловагӣ баррасӣ гардидааст.

Дар фасли якуми боби дуюм – "**Низоми банақшагирии таълими иловагӣ барои хонандагони болаёқат дар Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе**" паҳлуҳои назариявӣ ва амалии раванди ташкили дарсҳои иловагӣ, дастгирии педагогиву психологии он ва принсипҳои асосии банақшагирии таълими

фанҳои алоҳида дар низоми таҳсилоти иловагӣ дар мисоли фаъолияти таълимиии Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе" мавриди омӯзиш ва таҳлили амиқ қарор ёфтааст.

Мавриди кор диссертант Нематуллоев М. муайян намудааст, ки интихоби модели рушди лаёқатмандӣ омили муҳимми таъмини иҷрои ҳадафҳои муассиса мебошад, зеро афзалияти ин ё он шакл ё модели таълимӣ дар ташаккули шахсият ва рушди зеҳнии хонандагон накши муҳим дорад. Танҳо он модели таълимие, самаранок ва муваффақ мегардад, ки хусусиятҳои инфиродии ҳар кӯдаки лаёқатмандро бо назардошти синну сол ба инобат гирифта бошад. Ҳамзамон дар интихоби модели самарноки таълимии кор бо хонандагон болаёқат ба инобат гирифтани тахассусмандии омӯзгорон низ мавқеи асосӣ дорад. (саҳ. 89).

Модели рушди лаёқатмандии хонандагон дар Гимназия ба беҳбуди муҳити таълимие нигаронида шудааст, ки барои рушди лаёқати кӯдакон шароит фароҳам меорад ва ба гузаштани системаи ҳамгироии педагогӣ аз "реҷаи фаъол" ба "реҷаи рушд" мусоидат мекунад. Дар гимназия намудҳои ғайримуқаррарии дарсҳо, усулҳои таълимии гуногун, фаъолияти эҷодии дастҷамъона дар корҳои берунaзсинфӣ, ки ба рушди фаъолияти зеҳнии хонандагони болаёқат мусоидат мекунанд, васеъ паҳн шудаанд. (саҳ.90)

Дар фасли дуюми боби дуюм – **"Такмили донишу маҳорати хонандагони болаёқат дар ҷараёни таълими иловагӣ"** масъалаи нақши таълими иловагӣ дар муассисаҳои типи нав ва роҳҳои самаранокгардонии он баррасӣ шудаанд.

Қайд гардидааст, ки ҳамзамон зимни ташкили дарсҳои иловагӣ, ки дар ҳамкорӣ бо кумитаи падару модарон ба роҳ монда мешавад, хусусиятҳои синнусолӣ низ ба эътибор гирифта мешаванд. Барои мисол, дарсҳои иловагӣ дар синфҳои ибтидоӣ бештар ба гузаронидани машғулиятҳои дидактикӣ ва баланд бардоштани ҳавасмандии хонандагон нигаронида шудаанд. Дар синфҳои болоӣ, махсусан синфҳои 10-11, таълими иловагӣ ба омодасозии хонандагон барои таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ равона гардида, аз машғулиятҳои омӯзишии шавқовару фаъол ба дарсҳои мукаммал бо омӯзиши амиқи мавзуъҳо мегузаранд.(саҳ.125)

Боиси қайд аст, ки дастгирии лаёқатмандӣ дар Муассисаи давлатии таълимии "Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе" асосан тавассути дарсҳои иловагӣ, маҳфилҳо ва сафарбарсозии хонандагон ба марказҳои шаҳрӣ ва ноҳиявии "Дарёфт ва рушди истеъдодҳо" сурат мегирад.

Дар фасли сеюми боби дуюм – **"Механизми омодасозии хонандагон ба олимпиадаҳои фаннӣ ва озмунҳои зеҳнӣ тавассути таълими иловагӣ дар Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе"** таҷрибаи Гимназия дар самти омодасозии хонандагон ба озмуну олимпиадаҳои сатҳҳои гуногун тавассути таълими иловагӣ оварда шудааст. Ба андешаи муҳаққиқ иштирок дар ҳаракати олимпӣ барои хонандагон хеле муҳим аст, зеро он: ба худшиносии онҳо мусоидат мекунад, донишҳои фанниро муайян, васеъ ва амиқтар мекунад, имкон медиҳад, ки хонанда доир ба касби оянда қарор қабул кунад.

Муҳаққиқ дар қисмати озмоиши кор хеле хуб қайд кардааст, ки мақсади асосии ташкил ва гузаронидани озмунҳои зеҳнии дохилимуассисавӣ ин пеш аз ҳама дарёфт намудани хонандагоне, ки қобилияти зеҳнии баланд доранд. Яке аз дигар ҳадафҳои он ин ҳавасманд намудани чунин хонандагон барои ширкат варзидан дар марҳилаҳои баъдии олимпиадаҳои фаннӣ ва озмунҳои зеҳнӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз

тавассути ҳамин гуна озмунҳо аввалин аломатҳои истеъдоднок будани хонандагон маълум карда мешавад.

Олимпиадаи мазкур бо мақсади муҳайё кардани шароити мусоид барои дастгирӣ ва рушди хонандагони боистеъдод, дарёфти хонандагони болаёқат ва рушди қобилияти зеҳнӣ ва эҷодии онҳо, шиносоии бештари хонандагон ба дастовардҳои нави илмҳои табиию риёзӣ ва ҷамъиятию гуманитарӣ, тарғиби донишҳои илмӣ дар байни хонандагон ва мусоидат намудан ба хонандагон дар интихоби бошууронаи касб ва давом додани таҳсил дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот гузаронида мешаванд. (саҳ.139).

Дар фасли чоруми боби дуюм – **“Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба самаранокии ташкили раванди таълими иловагӣ ва арзёбии натиҷаҳои он”** озмоиши фарзияи дар рисола пешниҳодшуда гузаронида шуда, моделҳои дар рисола тавсиф ёфта, дар амал татбиқ шуда, нишондиҳандаҳои он натиҷагирӣ карда шуданд.

Муҳаққиқ муайян намудааст, ки кӯдакони лаёқатманд на ба як фан, балки ба як силсила фанҳо шавқу рағбат зоҳир намуда, баъзан дар бисёр соҳаҳои дониш қобилияти баланди ақлӣ доранд. Омӯзиши лаёқатмандии хонандагони синфҳои 1-11 тариқи ташхис, мушоҳидаи педагогӣ, омӯзиши ҳуҷҷатҳои мактабӣ, суҳбат бо омӯзгорони фаннӣ, роҳбарони синфҳо ва волидон гузаронида шуд. Хусусиятҳои синну сол ва психологию педагогии рафтор, инкишофи шахсият ва муносибат бо дигарон, шавқу рағбат ба фаъолияти маърифатӣ ва эҷодӣ, майли худшиносӣ дар соҳаҳои гуногуни дониш ва эҷодкорӣ ба қайд гирифта шудаанд.

Воситаи самарабахши дастгирии хонандагони синфҳои болоӣ дар рушди истеъдод омӯзиши курсҳои интихобӣ буд, ки ба профили таълимии зинаи болоии гимназия дохил мешаванд. Ба хонандагон 5 самти таҳсилоти махсус пешниҳод карда шуд: табиӣ ва техникӣ; иқтисод ва география; филология, педагогика ва санъат; ҷомеашиносӣ ва ҳуқуқ; тиб, биология ва варзиш. Аз профилҳои таълимии ба хонандагони синфҳои болоӣ пешниҳодшуда беш аз 52% хонандагон профилҳои гуманитариро интихоб карданд ва хонандагони боқимонда тақрибан баробар профилҳои табиатшиносӣ ва физикаю математикаро интихоб карданд.

Натиҷаи фаъолияти муҳаққиқони ҷавон иштирок дар конфронсҳои илмию амалӣ буд, ки дар рафти онҳо маҳсули фаъолияти зеҳнӣ ва эҷодии худро муаррифӣ намуданд. Беҳтарин асарҳо бо диплому сертификатҳо мукофотонида шуда, ба маҷмуаҳои корҳои эҷодии асарҳои хонандагон «Интеллекти оянда» дохил карда шуданд. (саҳ.149)

Шумораи хонандагони синфҳои 1-11, ки дорои сатҳи баланди рушди лаёқатмандӣ ҳастанд, аз 16% ба 48% афзуда, шумораи хонандагони дорои сатҳи миёнаи лаёқатмандӣ аз 51% ба 46% ва шумораи хонандагони синну соли гуногун бо сатҳи пасти рушди лаёқатмандӣ аз 33% то 6% паст гардид. Ин натиҷа бо сабаби татбиқи дурусти технологияи таҳсилоти иловагӣ ба даст омад. (саҳ.158)

Арзиши илмию амалии диссертатсияи мазкур чунин аст:

- дастгоҳи илмии таҳқиқот дуруст баён гардидааст;
- кори таҷрибавию озмоишӣ пурра ба мавзӯи диссертатсия мувофиқат карда, натиҷаи он дар ҷадвалҳо ва расмҳо-диаграммаҳо пешниҳод гардидаанд;
- хулосаҳои боби якуму дуюм ва хулосаҳои умумӣ ба мазмуни матн, иҷрои мақсаду вазифаҳои дар рисола гузошташуда комилан мувофиқат менамоянд.
- пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нуқоти илмӣ, методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот, мантиқи фикрронии довталаб, сарфи назар аз баъзе норасоиву камбудиҳои ҷузъӣ, ба талабот ҷавобгӯ мебошанд.

Дастгоҳи илмӣ ва сохтори диссертатсия, автореферати он мувофиқи талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда дар сатҳи хуб таҳия гардида, муҳтавои автореферат ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Дар баробари дастовардҳои муҳими илмӣ диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили мазмуну мундариҷаи рисола муфид хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Самарабахш мебуд, агар дар раванди таҳқиқот муҳаққиқ таълими тафриқаро бо назардошти қобилият, имконият ва шавқу рағбати донишомӯзии хонандагон бар асоси таҳқиқоти бунёдии академик Убайд Зубайдовро низ васеътар мавриди истифода қарор дода, мубрамияти онро кушода медоданд.
2. Дар боби дуюми рисола дар мавриди санҷиши озмоишӣ мебоист кор бо оиларо низ дар ҷанбаҳои амалии масъалаи рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагонро тавассути дарсҳои иловагӣ (дар мисоли фаъолияти Муассисаи давлатии таълимии “Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе”) ворид намуда, натиҷагирӣ менамуданд.
3. Хулосаи боби дуюми диссертатсия номукаммал ифода ёфта, мазмуни боби мазкурро ба пуррагӣ фаро нагирифтааст.
4. Сарфи назар аз мутобиқати умумии возеҳи забони рисола, меъёрҳои услубӣ ва қоидаҳои меъёрии пунктуатсия ва имло, хатогиҳои услубӣ ва нуқсонҳои техникӣ дар рисола ва реферат мавҷуданд.

Камбудӣ ва нуқсонҳои зикргардида наметавонад аз арзиши аслии диссертатсия ва автореферати тақризшаванда чизеро коҳонад. Бинобар ин, дар асоси мазмуну муҳтавои рисола метавон ба хулосае омад, ки муқаддима ва бобҳои дохилии рисола тавонистаанд иттилои арзишмандеро дар бораи истифодаи усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон тавассути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат (дар мисоли фаъолияти Муассисаи давлатии таълимии “Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе”) бозгӯ намоянд.

## ХУЛОСА

Диссертатсияи Нематуллоев Муродбек Музафарович дар мавзуи “Усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон таввасути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат (дар мисоли Муассисаи таълимии давлатии “Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе”) ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Наботов Ю.Ш. мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Нематуллоев Муродбек Музафарович иштирок ва бо маъруза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедра 14 нафар нафар устодону омӯзгорони донишгоҳ иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 14 нафар, "бетараф" - нест, "муқобил" - нест (қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогика ва психология аз 05.09.2023, №2).

Раиси ҷаласа, мудири кафедраи
Педагогика ва психологияи
Донишгоҳи давлатии Данғара,
номзади илмҳои педагогӣ Ғафурова Д.Ҷ.

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ Наботов Ю.Ш.

Котиби ҷаласа
номзади илмҳои педагогӣ Гулзода Н.А.

08.09.2023

**Маълумот барои тамос:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Маркази 25; Тел: +992 833122-28-06, +992 553 555765; E-mail: dddangara_2013@mail.ru, dilorom.gafurova.@mail.ru; www.dsu.tj

Имзои Д.Ҷ. Ғафурова, Наботов Ю.Ш., Гулзода Н.А. -ро тасдиқ мекунам.

Мудири шӯъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи
давлатии Данғара Асадуллоева Д.Р.

08.09.2023